# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвончӯй Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи “Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Дар замони ҳозира, ки инсоният ба қарни XXI – қарни фанноварии иттилоотӣ қадам мондааст, китобхонаҳо кайҳост, ки ба ҳайси як муассисаи фарҳангӣ-маърифатӣ доираи амалкард ва вазоифи хешро тавсеа додаанд. Дар Тоҷикистон ҳатто дар мисоли китобхонаҳои кӯчаки деҳотӣ гуфтан мумкин аст, ки онҳо муддатҳост, ки ба худ нақши марказҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро касб кардаанд. Бо тавсеаи фаъолиятҳои хеш дар ҷомеаи имрӯза, ки фанновариҳои иттилоотӣ дар ҳама ҷо мақоми аввалияро соҳиб шуда истодаанд, нақши китобхонаҳои маъмулӣ беш аз пеш меафзояд. Бахусус, таҳқиқ ва пажӯҳиши мақоми китобхонаҳо ҳамчун марказҳои ташаккули раванди донишандӯзӣ ва таҳкими маърифату фарҳанги ҷомеа хеле муҳим мебошад.

Ҳарчанд раванди фаъолияти китобхонаҳо дар замони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон комилан тағйир ёфта, ҳамчунин сиёсати роҳбарияти олии кишвар нисбати чопи китоб, тавзеҳи он дар китобхонаҳо ва марказҳои фарҳангӣ, кайҳо дигар шуда бошад ҳам, то ба ҳол дар таърихнигории ватанӣ масъалаи рӯшан кардани таърихи фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мушоҳидаи нуктабинонаи муҳаққиқ боиси таҳсин аст.

Аҳамияти мавзӯъ боз аз он нигоҳ муҳим аст, ки ҳоло Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таъсиси китобхонаҳои ҷадид бо шаклу муҳтавои нав, яъне китобхонаҳои электронӣ аз кишварҳои пешрафта камӣ надорад ва дар ин росто муваффақиятҳои зиёдеро ҳам соҳиб шудааст. Бисёр китобхонаҳои электронӣ ба марказҳои бузурги иттилоърасонӣ ва китобхонаҳои

электронии донишҳгоҳҳо ва китобхонаҳои бузурги дунё пайваст шудаанд, ки кори хонандаи тоҷикро хеле осон мекунанд. Ба ҳамин васила китобхонҳо ва корбарҳои тоҷик имкон пайдо кардаанд ба нодиртарин китобҳо дар дуртарин нуқоти ҷаҳон дастрасӣ пайдо кунанд.

Пажӯҳишгар дар тадқиқоти хеш вижагиҳои рушди шабакаи китобдории ҷумҳуририро дар даврони истиқлол ба таври возеҳ мавриди таҳлил қарор додааст. Вай дуруст мефармояд, ки дар даврони соҳибихтиёрии давлатӣ китобхонаҳо аз қолаби танги фаъолият баромада, ҷойгоҳ ва нақши худро куллан тағйир доданд ва дар фаъолияти худ навгониҳоро ҷорӣ намуданд.

Чопи феҳристи алоҳида аз ҷониби муҳаққиқ таҳти унвони «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол» қабл аз дифоъи рисола ифшогари он аст, ки муаллиф ба умқи мавзӯъ кайҳо ғӯта зада, солҳо боз ба пажӯҳиш ва таҳқиқи мавзӯъ машғул аст. Пажӯҳишгар дар кори илмиаш аз манобеи гуногуни чопиву электронӣ, корҳои илмӣ, мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, суҳбати китобдорон ва мутахассисони дигари арсаи китоб фаровон истифода бурда, ҳамаи маълумоти ҷамъовардаро нуктасанҷона таҳлил кардааст.

Таҳия ва бандубасти диссертатсия мувофиқи талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳову қонунгузориҳои Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, комилан ба талаботи кори илмии диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Вай аз муқаддима, ду боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳаққиқ дар қисмати хулосаи кори илмӣ натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияро ҷамъбаст кардааст. Дар охири диссертатсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо 12 тавсияи зарурӣ ба миён гузоштааст, ки иҷрои онҳо метавонад дар Тоҷикистон барои рушди бемайлони соҳаи китобдорӣ ва фаъолияти китобхонаҳо таъсири мусбате расонад.

Аз мухтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки кории илмии Комилов М. Ш. заминаи боэътимоди илмӣ дошта, холигиҳоеро ки дар

таърихнигории ватанӣ вуҷуд дорад, то андозае пур мекунад. Дар айни ҳол ин кор чун дигар диссертатсияҳо наметавонад комилан бидуни нуқс бошад. Ба назари мо дар он чунин нуқсонҳои кӯчакро метавон дарёфт.

1. Дар диссертатсия роҷеъ ба китобҳо ва марказҳои электронӣ бештар сухан рафта, аз фардои китобҳои коғазӣ камтар ёд мешавад.

2. Ҳарчанд дар бораи озмунҳои гуногуни ҷалби хонандагон ба мутолиаи китоб сухан равад ҳам, дар бораи мавҷи нави ҷон гирифтани мутолиаи китоб дар Тоҷикистон бо эълом доштани озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» камтар сухан меравад.

3. Аз таҷрибаи китобхонаҳои ҷаҳон нисбати нигоҳдошти захираи китобхонаҳои электронӣ камтар ёд шудааст.

Сарфи назар аз мавҷудияти камбудиҳои ҷузъии дар боло ишорашуда, ки аҳамияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд, он таҳқиқоти комилан мустақили илмӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи КАО назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст ва муаллифи он Комилов Меҳроҷ Шарифович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ арзанда мебошад.

Сарходими Институти илмҳои гуманитарии
ба номи академик Б.Искандарови АМИТ,
номзади илмҳои таърих Қ. М. Аламшоев

Имзои Қ.М.Аламшоевро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои ИИГ ба номи
академик Б.Искандарови АМИТ Ч. Назаршоева

*ш. Хоруғ, 30 апрели соли 2021*